# ТАҚРИЗИ
# РОҲБАРИ ИЛМӢ

**ба диссертатсияи илмии докторанти фалсафа (Ph.D), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050700 – Менеҷмент (6D050701 – Менеҷмент) Маҳмадуллоев Аҳмадҷон Саидҷонович дар мавзуи «Инкишофи шаклҳои шарикии стратегӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ (дар мисоли бахши саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон)», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (Ph.D), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050700 – Менеҷмент (6D050701 – Менеҷмент) пешниҳод карда мешавад.**

Маҳмадуллоев Аҳмадҷон Саидҷонович соли 2018 ба докторантураи (Ph.D)-и Донишгоҳи миллии Тоҷикистонн аз рӯйи ихтисоси 6D050700 – Менеҷмент (6D050701 – Менеҷмент), дохил шуда соли 2021 онро бомуваффақият хатм намудааст.

Диссертатсияи худро дар ҷаласаи васеи кафедраҳои «Менеҷмент ва маркетинг» ва «Иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкорӣ» барои муҳокима пешниҳод менамояд.

Ба андешаи мо, Маҳмадуллоев Аҳмадҷон Саидҷонович аз ӯҳдаи иҷрои вазифаи мазкур ба хубӣ баромадааст. Дар давоми солҳои хониш дар докторантураи (Ph.D), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050700 – Менеҷмент (6D050701 – Менеҷмент) Маҳмадуллоев Аҳмадҷон Саидҷонович худро чун муҳаққиқи навҷуй, боинтизом, ҳадафманд ва дорои истеъдод ва лаёқати пеш бурдани таҳқиқотҳои илмӣ муаррифӣ намуд. Дар дарсҳо ба таври комил иштирок намуд, аз ҳама фанну предметҳои таълимӣ танҳо баҳоҳои аъло касб намудааст ва дар мувофиқа ба нақшаи инфиродии худ давраҳои таҳқиқотии худро ба хуби паси сар кардааст.

Мавсуф ҳангоми иҷрои кори илмӣ, махсусан дар ҷамъоварӣ, омӯзиш ва таҳқиқи адабиёти илмӣ оид ба ҷанбаҳои назариявии мавзуи илмию таҳқиқотӣ қобилияти пешбурди кори илмӣ, масъулият ва мустақилият нишон дода тавониста аст. Дар бораи иҷрои кори илмӣ Маҳмадуллоев Аҳмадҷон Саидҷонович 15 мақолаи илмӣ (аз ҷумла 7

мақола дар маҷаллаҳои (нашрия) илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон) таҳия ва аз чоп баровардааст.

Аҳамияти мавзӯи интихобнамудаи Маҳмадуллоев Аҳмадҷон Саидҷоновичро тамоюлҳои рушди шарикии стратегӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ ва инкишофи шаклҳои мухталифи он дар самт ва бахшҳои алоҳидаи иқтисодиёт муайян менамояд. Шарикии стратегӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ ба унвони омили муҳимми тақвияти рақобатпазирии ширкатҳои саноатӣ ва инкишофи зарфияти содиротии онҳо ботадриҷ аҳамияти вижаеро дар коркарди барномаҳои рушди бахшҳои мухталифи иқтисодиёт касб менамояд. Бо таваҷҷӯҳ ба мавқеи ширкатҳои ватанӣ дар бозорҳои байналхалқӣ, рақобати афзоянда, имконот ва фурсатҳои мушаххаси инкишофи фазои сармоягузорӣ дар кишвар ба назар мерасад, ки инкишофи шаклҳои мухталифи шарикии стратегӣ дар шароити кишвар амри зарурӣ ва саривақтӣ ба шумор меравад. Вазифаи асосии докторант дар ростои гуфтаҳои боло ин ҷустуҷуи роҳу усулҳои инкишофи шаклҳои нав ва самараноки шарикии стратегӣ байни ширкатҳои ватанӣ дар дохили кишвар, байни ширкатҳои ватанӣ ва хориҷӣ, инчунин байни ширкатҳои саноатӣ ва дигар сохторҳои иқтисодиёт ба шумор меравад.

Диссертатсияи таълифнамудаи Маҳмадуллоев Аҳмадҷон Саидҷонович аз муқаддима, се боб, хулоса, пешниҳодот ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат буда, дар муқаддима, мақсад ва фарзияи кор ва дар ин замина рушди шарикии стратегӣ, инкишофи шаклҳои мухталифи он муайян гардидааст. Инчунин методологияву методҳои пажӯҳиш, навгониҳои илмиву эътимоднокӣ ва муҳиммияти назариявии диссертатсия мушаххасан баррасӣ гардида, ниҳоят, аҳамияти амалӣ ва мавридҳои муаррифии натиҷаҳои бадастомада аз он таъкид гардидааст.

Методологияи таҳқиқоти Маҳмадуллоев Аҳмадҷон Саидҷоновичро истифодаи равиши диалектикӣ ба ташаккул ва амалигардонии сиёсати саноатии кишвар, усулҳои таҳлил ва синтез, индуксия ва дедуксия,

хулосабарорӣ, моделсозии мантиқӣ, инчунин мавқеъи асосии рушди иқтисоди бозорӣ, назарияи умумии дар корҳои олимони иқтисоддони хориҷиву ватанӣ коркардшуда ташкил медиҳад. Усулу тарзҳои асосии таҳқиқот инҳоянд: хулосабарории назариявӣ ва таҷрибавӣ, гурӯҳбандии оморӣ, мантиқи – ҳисобӣ, таҳлили шохисӣ ва функсионалӣ – сохторӣ, таҳлили регрессионӣ – коррелятсионӣ, усули таҳлили графикӣ ва инчунин усулҳои системавӣ, функсионалӣ – сохторӣ ва баробаркунӣ, таҳлили иқтисодӣ – риёзӣ ва омори иқтисодӣ.

**Боэътимоднокии натиҷаҳои** таҳқиқоти диссертатсионии Маҳмадуллоев Аҳмадҷон Саидҷоновичро озмоишҳо, маълумотҳои боварибахш, ҳаҷми кифояи маводи таҳқиқ, коркарди оморii натиҷаҳои таҳқиқот ва маводи чопшуда тасдиқ менамоянд. Хулоса ва тавсияҳо ба таҳлили илмии натиҷаҳои назариявӣ ва амалии таҳқиқот асос ёфтаанд.

Натиҷаҳои асосӣ ва муқаррароти кори диссертатсияи Маҳмадуллоев Аҳмадҷон Саидҷонович дар конференсияҳои илмӣ – амалии байналмилаливу ҷумҳуриявӣ ва семинарҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон борҳо гузориш карда шудаанд. Ҳолатҳои махсуси таҳқиқоти диссертатсионӣ ба Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, дар корхонаҳои саноатӣ истифода шудаанд. Тавсияҳои методӣ ва амалии дар диссертатсия асосноккардашуда дар раванди таълим ҳангоми гузаронидани машғулиятҳои дарсӣ дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон истифода мешаванд. Масалан, ҳангоми омӯзиши чунин фанҳои таълимӣ ба монанди: «Менеҷмент», «Менеҷменти стратегӣ», «Асосҳои бизнеси байналхалқӣ», «Фаъолияти иқтисодии берунмарзии корхонаҳо», «Иқтисодиёти саноат» ва ғ.

Хулоса, пешниҳодот ва тавсияҳои методии дар диссертатсия нишондодашуда дар мақолаҳои илмии нашргардида (солҳои 2018-2024) борҳо муҳокима ва пешниҳод гардидаанд. Вобаста ба маводҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ то ҳол 8 мақолаи илмӣ дар сатҳи конференсияҳои

байналмиллалӣ, ҷумҳуриявӣ, конференсияҳои донишгоҳӣ ба нашр расидаанд.

Хулоса ва пешниҳодҳо ҷиҳати истифодаи илмию амалӣ асоснок ва мутобиқ ба талаботи мавҷуда омода шудаанд. Дар маҷмуъ, диссертатсия аҳамияти кифояи илмӣ ва назариявию амалиро дорост ва кори илмӣ-таҳқиқотии ба итмомрасида дар сатҳи ҷавобгӯйи талабот қарордошта ба ҳисоб меравад. Ҳамин тариқ, дисертатсияи Маҳмадуллоев Аҳмадҷон Саидҷонович дар мавзуи «Инкишофи шаклҳои шарикии стратегӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ (дар мисоли бахши саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон)», ки барои дарёфти дараҷаи илми доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050700 – Менеҷмент (6D050701 –Менеҷмент) пешниҳод шудааст, кори мустақилона анҷомдодашуда ва мантиқан ба итмомрасида буда, арзиши назариявӣ ва амалӣ дошта, барои ҳимоя дар Шурои диссертатсионии 6D.КОА-004 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тавсия карда мешавад.

**Роҳбари илмӣ:**
н.и.и., дотсенти кафедраи
менеҷмент ва маркетинги
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон **Д.А. Ҳодиев**

Ҳодиев Дадахон Абдуллоевич
Тел: (+992) 935-01-70-51
Email: mfahim@mail.ru

Имзои Ҳодиев Д.А. -ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
«01» 03 С. 2024 **Э.Ш. Тавқиев**